**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи

Орифов Орзу Обидхуҷаевич

Орифов Орзу Обидхуҷаевич. Сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 01.02. 1986 дар ноҳияи Кӯлоб, ҷ/д Зиракӣ, деҳаи “Хоҷаисҳоқ” дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Солҳои 1992-2003 муҳассили МТМУ №29. Солҳои 2004-2009: донишҷӯи факултети филологияи хориҷии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (ихтисоси омӯзгори забони англисӣ, дипломи аъло). Солҳои 2008-2009: таҷрибаомӯз ва аз соли 2009 ассистенти кафедраи забони англисӣ. Солҳои 2012-2016: мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ. Солҳои 2016-2019: ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он. Аз 13.03.2019 то ҳол: сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Дар татбиқи 10 лоиҳаи фонди Аврупо Темпус, Эрасмус Мундус ва Эрасмус+ иштирок намудааст ва аз ин шумора дар 5 лоиҳаи Фонди Аврупо ба ҳайси ҳамоҳангсози лоиҳа дар донишгоҳ фаъолият кардааст. Айни ҳол дар ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ду лоиҳа аз ҳисоби Фонди Аврупо Эрасмус+ татбиқ мешавад, ки ҳамчун ҳамоҳангсоз дар онҳо фаъолият дорад. Ҳамзамон, дар доираи Лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ гардидаанд, ҳаммуаллифи 2 лоиҳа буда, дар татбиқи онҳо ширкат намуда аст. Иштирокчии зиёда аз 50 семинар, тренинг ва конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ. Муаллифи 2 монография (“Рафъи мушкилоти таълимии забони англисӣ».-Д.: «Матбаа», 2019; “Усулҳои рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ”. - Д.: “Матбаа”, 2020) ва якчанд мақолаҳои илмӣ. Оиладор, соҳиби се фарзанд мебошад.

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Орифов О.О. худро ҳамчун мутахассиси масъулиятнок, бофаросат ва донишманд дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста таълими забони англисӣ, методикаи таълим, педагогика ва махсусан тарзу усул ва воситаҳои рафъи мушкилоти таълимӣ нишон додааст.

Қобили тазаккур аст, ки кори диссертатсионии Орифов О.О. аллакай аз солҳои нахустини кору фаъолияти омӯзгориаш зимни маърӯзаҳо ва ташкилу гузаронидани дарсу машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат мегиранд, ки баъдан асосу заминаи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил кардаанд.

Муҳимияти мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, ки дар марҳалаи ҳозираи рушди ҷамъияти тоҷик тарбия намудани кадрҳои педагогии аз ҷиҳати идеявӣ боваринок, ба дараҷаи замонавӣ

маълумотнок, пайвастани донишҳои чуқури назариявӣ бо қобилияти қабули қарорҳои амалӣ, эҷодкорона истифода бурдани онҳо дар фаъолияти педагогӣ мебошад. Такмил додани низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ ҳалли масъалаи ба педагогика мутобиқ намудани омӯзгорони ҷавони навкорро талаб мекунад. Ба ин муносибат омӯзиши тамоми маҷмӯи равандҳои мутобиқшавӣ, ки бо тарбияи муаллим ҳамчун иштирокчии шаклҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ алоқаманд аст, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин маврид доир ба мавқеи муаллими ҷавон дар низоми мудирияти дохилимактабӣ, вазифаҳои ӯ дар фаъолияти якҷояи аъзоёни коллективи педагогӣ, талаботи ахлоқие, ки алоқаи ӯро бо ҳамкасбон - омӯзгорон ба тартиб медороранд, саволҳои зиёдеро ба миён меорад.

Асоснок кардани моҳият, мазмун ва сохтори раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълим, муайян намудани роҳҳои педагогии рафъи душвориҳои таълим дар байни донишҷӯёни донишгоҳҳои гуманитарӣ ҳадафи асосии таҳқиқот мебошад ва унвонҷӯй Орифов О.О. ҳангоми иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту маҳорати мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Унвонҷӯй барои ташаккули бархӯрди нав дар омӯзишу парвариши донишҷӯён дар заминаи ташаккул ва рушди малакаю маҳоратҳои рафъи мушкилоти таълимӣ ба воситаи татбиқи чорабиниҳои зиёд ва истифода аз баъзе усулҳои махсус кӯшиш карда, натиҷаҳои санҷишу татбиқи таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Ҳангоми пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Орифов О.О. худро ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотгари андешаманд ва мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо бошуурона ва амиқан дарку фаҳм кунад, натиҷаҳои онҳоро таҳлил ва баррасӣ намояд ва роҳу усул ва воситаҳои ба ҳадаф мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Орифов О.О. дар робита ба ташаккул ва рушди малакаю маҳоратҳои рафъи мушкилоти таълимӣ зимни омӯзиши забони англисӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар 2 китобу 8 мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии КОА-и назди президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

**1.Китоб ва монография**

[1].Орифов, О.О.Рафъи мушкилоти таълимии забони англисӣ/О.О.Орифов.-Душанбе: «Матбаа», 2019.-70с.

[2]. Орифов, О.О. Особенности внедрения в учебный процесс электронных учебных материалов/У.Т. Курбонова, О.О. Орифов// Конференция “Modern Engineering Education: Contemporary International Challenges and Perspectives”. Магнитогорский государственный технический университет им. Г.И.Носова, 3-4.06.2019, стр. 52-55

[3]. Орифов, О.О.Усулҳои рафъи мушкилоти таълимии забони англисӣ/О.О.Орифов. - Душанбе: «Матбаа», 2020.-60с.

[4]. Орифов, О.О. Психолого-педагогические основы инженерной подготовки обучающихся (на материалах международного образовательного проекта extend)/Л.В. Оринина, С.А. Одинаева, Ф.А. Гафаров, У.Т. Курбонова, Орифов, О.О.-Новосибирск (ISBN 978-5-6045341-4-4). ООО «СибАК», 2020 – 78с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии КОА-и назди Президенти ҶТ интишор гаштаанд:**

[5]. Орифов, О.О. Мушкилоти таълимии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ/О.Б.Орифов/// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (серияи 2.Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим) (ISSN 2708-5759).-Душанбе, 2021, №3-4 (7-8). - С.316-321.

[6]. Орифов, О.О. Забони англисӣ ва рафъи мушкилоти таълими он/О.О.Орифов//Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (серияи 2.Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим) (ISSN 2708-5759).-Душанбе, 2021, №3-4 (7-8).-С.321-325.

[7]. Орифов,О.О.Тадқиқи калимаҳои иқтибосшуда аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (дар мисоли вожаҳои соҳаи иқтисодӣ/О.О.Орифов//Паёми донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (ISSN -2219-5408). - Душанбе, 2021,№2 (91).- С.97-101.

[8]. Орифов, О.О. Рафъи мушкилоти таълимии забони хориҷӣ дар мактабҳои олӣ дар назария ва амалияи педагогӣ/О.Б.Орифов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN 2074-1847).-Душанбе, 2022, №2. - С.264-271.

[9]. Орифов, О.О. Мушкилоти омӯзиши забони англисӣ ва муносибати он бо дигар ҷонибҳо//О.О.Орифов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN 2074-1847).-Душанбе, 2022, №3. - С.267-274.

[10].Орифов,О.О. Моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ /О.О.Орифов//Паёми донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN -2616-5260). - Душанбе, 2023,№1 (30).- С.207-216.

[11]. Орифов,О.О. Таҳқиқи рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ дар мактабҳои олӣ /Ҷумъахон, А.,

Орифов, О.О.//Паёми донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN - 2616-5260). - Душанбе, 2023,№2 (31).- С.199-207.
[12]. Орифов, О.О. Истифодаи нармафзорҳои компютерӣ ҳангоми назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълими забони англисӣ /Қурбонова, У.Т., О.О.Орифов//Паёми донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN - 2616-5260). - Душанбе, 2023,№4 (33).- С....

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Орифов О.О.-ро ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф карда, таъйид кардан мумкин аст, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо ухда кунад.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ, таҳқиқоти диссертатсионии Орифов О.О.-ро ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро ҷиҳати муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
Корманди шоистаи Тоҷикистон,
профессори ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: Ҷ.Алимӣ

Имзои профессор Ҷ.Алимиро
тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ
ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: Ф.Амиров

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

5 10.2023.